## МЕХОҲЕД МАЪЛУМОТИ БЕШТАР ДОШТА БОШЕД?

**Ба офисҳои Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон муроҷиат намоед:**


**СУРОҒАИ МО:**

**ш. Душанбе**
х. Рӯдакӣ 137 оф.501
Тел: +992 (37) 224 14 11
Тел.факс + 992 (37) 224 14 04
E-mail: constaj@list.ru

**ш. Хуҷанд**
маҳ. 28, б.1 офис 401
Тел.факс: +992 (3422) 5 55 52
E-mail: constaj@yandex.ru

**ш. Қӯрғонтеппа**
кӯчаи Сино 4
Тел.факс: +992 (93) 577 80 05
E-mail: constaj@bk.ru


**Барои ҳалли мушкилии Шумо ҳамеша омода ҳастем!**

**«Қоидаҳои пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ ва хизматрасонии коммуналӣ», бо Қарори Ҳукумати ҶТ №354 аз 3 июни соли 2014 тасдиқ шудааст.**

**Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад:**

- ба гирифтани хизматрасониҳои сифаташ муқарраршуда, ки барои ҳаёт ва саломатиаш бехатар мебошанд ва ба амволи ӯ зарар намерасонанд;
- аз иҷрокунанда ҷуброни зарар ва зиёни ба ҳаёт ва саломатӣ ё амволаш, ки дар натиҷаи камбудиҳо дар пешниҳоди хизматрасониҳо расонида шудаанд, инчунин зарари маънавиро талаб намояд;
- бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардидаро дар пешниҳоди хизматрасониҳо дар мӯҳлати муқаррарнамудаи шартнома аз иҷрокунанда талаб намояд;
- ба мақомоти давлатӣ ва ё суд мутобиқи қонунгузории ҶТ дар ҳолати вайрон кардани ҳуқукҳояш, муроҷиат намояд.

**Истеъмолкунанда ӯҳдадор аст:**

- саривақт дар мӯҳлати дар шартнома муқарраргардида ҳаққи хизматрасонии пешниҳодшударо пардохт намояд;
- хизматрасониҳоро аз рӯи таъинoташон ба таври оқилона истифода намояд;
- амалҳоеро, ки боиси риоя накардани тартиби истифодабарии хизматрасониҳои муқаррарнамудаи шартнома ва Қоидаҳо мебошанд, анҷом надиҳад;
- талаботи бехатарии техникиро ҳангоми истифодаи хизматрасониҳо риоя намояд;
- намояндаи иҷрокунандаро барои бартарафсозии садамаҳо, санҷиши таҷҳизоти муҳандисӣ, асбобҳои ченкунӣ ва назоратӣ иҷозат диҳад.


CU
Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон


# ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ МО ҲАНГОМИ ИСТИФОДАИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАЪМИНИ ОБИ НӮШОКӢ


GoAL WaSH
UNDP
Empowered Lives. Resilient nations.
SIWI
WATER GOVERNANCE FACILITY
GoAL WaSH is financed by
SWEDEN

ДУШАНБЕ – 2016

## Истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ кистанд?

Ҳар як шаҳрванде, ки аз хизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ барои қонеъ намудани *талаботҳои шахсӣ, оилавӣ ва рӯзгор* истифода мебарад, мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004 **истеъмолкунанда** ҳисобида мешавад.

Барои истеъмолкунанда эътироф шудан шартҳои зерин лозим аст:

⇒ шахси воқеӣ будан, яъне ташкилот неву, шаҳрванди оддӣ будан;

⇒ бо мақсади қонеъ намудани талаботҳои оилавӣ, рӯзғор ва шахсӣ харидорӣ намудан, на ин ки бо мақсади дар оянда фурӯхтан.

## Таъминкунандагони оби нӯшокӣ кистанд?

Таъминкунанда низ, тибқи қонуни болоқайдшуда - «ташкилоте, ки новобаста аз шакли моликият, инчунин соҳибкори инфиродие, ки хизматрасонии таъмини оби нӯшокиро барои истеъмолкунандагон пешниҳод мекунад...». Ҳамин тариқ, таъминкунандаи оби нӯшокии Шумо (обуканал), ҳамчун **фурӯшандаи оби нӯшокӣ** баромад мекунад.

## Муносибатҳои шартномавӣ:

Байни истеъмолкунанда ва таъминкунандаи оби нӯшокӣ **шартномаи обтаъминкунӣ** баста мешавад – инчунин намуди шартнома мебошад, ки тибқи он ташкилоти обтаъминкунанда ӯҳдадор мегардад, ки тариқи шабакаи пайвастшуда оби нӯшокиро интиқол диҳад, муштарӣ (истеъмолкунанда) бошад ӯҳдадор мегардад, ки маблағи оби нӯшокии истифодашударо пардохт намояд.

## Афзалияти истеъмолкунанда дар шартномаи обтаъминкунӣ:

✓ Шартнома мутобиқи тартиби муқараршуда аз лаҳзаи воқеии пайвастшавии муштарӣ ба шабакаи обтаъминкунӣ басташуда ба ҳисоб меравад. Набудани шартнома таъминкунандаро аз ҷавобгарӣ озод намекунад. .

✓ Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад оби нӯшокиро ба андозаи дилхоҳ истифода барад;

✓ Ӯҳдадории таъмини ҳолати дурусти техникӣ ва бехатарии шабакаҳои обтаъминкунӣ, инчунин таҷҳизотҳои ченкунии оби нӯшокӣ ба дӯши ташкилоти обтаъминкунанда вогузор шудааст.

## Маслиҳатҳои муфид ба истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ:

➢ Маблағи оби нӯшокии истифодашударо на дертар аз санаи 10-уми моҳи оянда пардохт намоед, вагарна обтаъминкунанда барои ба таъхиргузорӣ ҳуқуқ дорад ҷарима (пеня) ҳисобӣ намояд;

➢ Масъалаи қатъ намудани интиқоли оби нӯшокӣ барои напардохтани қарз бояд дар шартнома дарҷ шуда бошад;

➢ Ҳамеша **ба кӣ, чӣ қадар, барои чӣ ва бо кадом нарх** маблағ пардохт намуданатонро донистa бошед, зеро ягон кас ба ҷои Шумо суратҳисоби Шуморо тафтиш намекунад. Пардохтномаҳоро лоақал се сол нигоҳ доред;

➢ Хизматгузории ҳисобкунак, аз ҷумла тафтиш дар мақомотҳои стандартикунонӣ, таъмир, иваз ва озмоиши он – **ин ӯҳдадории обтаъминкунандаи Шумо мебошад!**

➢ Агар бо айби таъминкунандаи оби нӯшокӣ ба Шумо зарари моддӣ ва маънавӣ расонида шуда бошад, Шумо ҳуқуқ доред аз таъминкунанда **ҷуброни пурраи зарари расонидашуда ва зараре, ки ба ҳаёт, саломатӣ ва амволи Шумо расидааст, талаб намоед.**

**Мехоҳед маълумоти бештар бигиред?**

**БА МО МУРОҶИАТ НАМОЕД!**